Фарханги миллӣ як рукни чудонашавандаи давлати миллӣ ба хисоб рафта, василаи асосии муаррифии давлату миллат дар сатхи байналмилалӣ ба хисоб меравад. Фарханг домони густурдаву васеъ дорад ва чомеъахое, ки такя ба фарханг доранд дар тамоми чодахо муваффак ба назар мерасанд.

Ин гуфтаро дар тачрибаи хаётии давлатхои пешрафтаи чахон дидан мумкин аст.

Агар ба гузаштаи миллати точик диккат намоем аз рӯи сарчашмахо маълум мегардад, ки дорои фарханги волову пурѓановат буда, баъзе аз ананахояшон то ба замони мо омада расидаанд. Аммо кисми зиёдашон бо таъсири омилхои бегона ва лашкаркашии кавмхои гуногун аз байн рафтанд. Мисол агар танхо як хатро гирем дар гузаштаи миллати точик чандин намуди хатхо вучуд доштаанд, аммо бо мурури замон ахамияти худро гум карда, аз байн рафтанд. Бо вучуди он хама тохтутозхое, ки бар сари миллати точик омад, лек ачдодони мо чонашонро фидо сохтанду рукнхои асосии фарханги миллӣ: хат, забон ва санъати худро нигох доштанд ва ба мо меърос гузоштанд.

Мо чавонон пеш аз хама ифтихор аз он дорем, ки имрӯз миллати точик баъд аз хазорон сол боз аз нав сохиби давлат ва фарханги волои худ гаштааст ва ин боиси ифтихору сарфарозии кулли мардуми точик бояд бошад, зеро дар ин давраи пур аз чангу чадалхое ки миллати точик аз сар гузаронид ба даст овардани фарханги миллӣ ва истиклолӣ миллӣ кори сахл нест. Аз ин рӯ вазифаи мукаддаси хар як шахрванди кишвар, хусусан чавонон аст, ки ба кадри ин неъмат бирасанд ва барои пос нигох доштан ва инкишоф додани он сахми арзишманди худро гузоранд. Ба андешаи коршиносон барои пос доштан ва рушди фарханги чавонон накши аввалиндарача доранд. Зеро бунёдгузор ва нигохдорандаи фардои фарханги миллӣ махз чавонон махсуб меёбанд. Аз ин рӯ хар як чавони имрӯзи ватанро мебояд, ки таърих ва фарханги гузаштаи худро омӯзаду аз он ба хубӣ бархӯрдор гарданд, то ки ба кадри он хама арзишхои фархангие, ки то ба мо омада расидааст бирасанд.

Албатта доираи фахмиши фарханг хело васеъ буда, он фарогири зиндагии харрӯзаи мо

мебошад. Аз ин рӯ дар замони муосир тамоми мардуми сайёра ба масъалаи омӯзиши он диккати махсус зохир менамоянд. Тачрибаи чахонӣ нишон медихад, ки фарханг хастии миллат аст ва бе инкишофи фарханг давлат аз нигохи иктисодӣ пеш рафта ва сатхи зиндагии мардум низ наметавонад рушд кунад.

Дар давраи сохибистиклолӣ Хукумати кишвар махсусан Сарвари давлат нисбати фарханг ва арзишхои миллии он диккати махсус дода, дар ин самт икдомхои зиёдеро рохандозӣ намуданд. Кабули конуни ЧТ «Дар бораи фарханг», конун дар бораи «Забони давлатӣ» Эълон намудани иди Наврӯз» хамчун иди байналмилалӣ, кайд намудани «Рӯзи фалак», «Иди мехргон», «Рӯзи китоб» ва дигар чорабинихои сатхи баланд далели ин гуфтахост.

Инчунин дар ин самт бунёди иншоотхои гуногуни фарханги Осорхонаи миллӣ, ки дар он ёдгорихои беназир ва кадимаи ин миллати куханбунёд ба маърази тамошо гузошта шудааст. Вокеан ин як икдоми неки хукумати мамалакат ба хотири пос доштани фарханги миллӣ мебошад, ки мо бо ин васила метавонем маданияти гузаштаи халки точикро ба чахониён муаррифӣ намоем. Икдоми дигари хукумати кишвар таъсиси Китобхонаи миллӣ аст, ки он бори дигар собитгари адабиёти бою рангин, нависандагон, шоирони бузургу тавонои точикон мебошад. Дар ин самт бунёди марказхои фарханги, муассисахои фарханги, ва раванди сохтмони Театри миллӣ дар кишвар ки бо ибтикори худи Пешвои миллат ба он оғоз бахшида шуд гувохи он аст, ки хукумати кишвар ва махсусан Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон нисбати инкишофу пойдории фарханги миллӣ таваччухи хоса доранд ва дар яке аз суханронихояшон зикр карда буданд: - «Мо ба чавонони кишвар хамчун нерӯи фаъолу богайрат, ташаббускору созанда эътимоди зиёд дорем ва дар раванди бунёди чомеаи демократӣ ва ободу пешрафта ба онхо такя мекунем».

Чавонон, ки посдоранда ва инкишофдихандаи фарханги миллӣ мебошанд, дар баробари он хама икдомхои некхохонае, ки Сарвари давлат нисбати чавонон доранд мутаасифона, имрӯзхо чун ба мушохида мерасад чавононе хастанд, ки на танхо арзишхои фархангиро поймол мекунанд. Балки ба рукнхои асосии фарханг диккат надода, нисбати забон ва хат беэхтиромӣ зохир мекунанд. Дар вакти суханронӣ калимахои кабех ва бегонаро ба ин забони ноб омехта месозанд. Ичунин ба омузиши Забони давлати кам таваччух доранд ва аз таърихи гузаштаи худ хуб огох нестанд, ки ин ба фарханги волои худ давлате чун Точикистон рӯ ба инкишоф бе таъсир буда наметавонад. Албатта дар ин баробар кам нестанд чавонони худшиносу ватандӯст, ки нисбати арзишхои миллӣ таваччухи хоса доранд ва аз онхо ба хуби бархурдоранд, аммо дар ин даврае ки чахонигарои дар холи рушд карор дорад ва таъсири омилхои бегона хеле зиёд аст. Фарханги миллии давлатхои хӯрд дар холи хатар карор доранд моро мебояд нисбати

арзишхои миллии худ махсусан чавонон диккати аввалиндарача дошта бошем, зеро аз андак ноустувории мо метавонанд ба хуби истифода намоянд. Ба андешаи чомеашиносон дар ин раванд давлатхои абаркудрат мехоханд фарханги худро болои давлатхои хурд ва аз нигохи иктисоди кафомонда бештар талкин кунанд ва онхоро аз фарханги аслиашон дур созанд. Аз ин рӯ махсусан чавонон бояд дар ин самт зиррак бошанд ва нисбати фарханги миллии худ эхтиром дошта бошанд то тавонанд онро пос доранд.

Хасанчон АЛАМШОЕВ

рӯзноманигор